«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_________________ Хушвахтзода Қ. Х.
«03» «03» 2021с.

## ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба рисола ва автореферати Мирзоев Шуҳрат Саидаҳмадович дар мавзӯи «Хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ), пешниҳод шудааст.

Масъалаи дастгирии компютерӣ ё дигаргунсозии таҷрибавӣ, таҳлил ва ташкили проблемаҳои копютеркунонӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи кишвар қарор дошта, яке аз вазифаҳои марказии педагогикаи муосир ба шумор меравад, ки ин бо заминаҳои таърихӣ ворид шудан ба асри XXI дар шароити тағйирёбии куллӣ дар ҳаёти иҷтимоию фарҳангии ҷомеа, яъне тамоили умумии истифодаи самараноки дастгоҳҳои мултимедӣ муайян карда мешавад. Дар робита ба ин таҳсилот ҳамчун самти афзалиятнок, бо фарҳанги ҷомеа алоқаманд буда, шарт ва зарур аст, ки ҳалли проблемаи компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ тезонида шуда, омӯзиши наврасон ва ҷавонон дар ин самт тақвият ва танзим карда шавад.

Дар ҷавонон ба вуҷуд овардан ва ташаккул додани мафҳумҳои ҷаҳонбинии илмӣ бидуни омӯзиши мукаммали забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои муосир, асосҳои илм ва малакаҳои ҳаётӣ ва саҳм гузоштан дар рушду инкишофи ҷомеаи кишвар ғайриимкон аст.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Ислоҳоти системаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикисон ба рушду такомули мундариҷа ва сохти маълумот, аз ҷумла муошрати забонӣ, байнифарҳангӣ ва фаҳмишу баргардониши он ба забони модарӣ равона карда шудааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 ва тамдиди он то соли 2030», «Барномаи давлатии компютерикунонии мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015», Консепсияи миллии маълумот ва Стандартҳои давлатии таҳсилот ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки системаи маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба сатҳи ҷаҳонӣ бардошта, рушду инкишофи минбаъдаи соҳаи маорифро муайян мекунанд.

Дар Консепсияи миллии маълумоти кишвар зарурати омӯзишу фаҳмиши забони хориҷӣ барои инкишофи ҷомеа чунин таъкид шудааст: «Зарурати омӯзиши забони хориҷиро ҳамчун сарчашмаи дониш барои омӯхтани илму фарҳанги дунё, прогресси илмию техникӣ ва воситаи муошрати байни миллатҳо бояд ба эътибор гирифт».

**Ҳадафи асосии таҳқиқот** ошкор намудани аз ҷиҳати назарявӣ асоснок кардан ва дар ташхис санҷида баромадани самаранокии методикаи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидой бо дастгирии технологияи компютерӣ ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия проблемаи коркарди методикаи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилои миёнаи умумӣ бо истифодаи технологияҳои компютерӣ ҳаллу фасл гардидааст. Ҳангоми такрор намудани маводи омӯхташаванда омӯзгор барои инкишоф додани мустақилӣ ва фаъолнокии донишҷӯ имкониятҳои зиёд дорад.

Машқҳои таҳияшудаи тамринӣ, тартиб додани ҷумлаҳо, иншоҳо аз рӯи калимаҳои асосӣ, ҳикояҳо аз рӯи расм, диафилм, кор аз рӯи кортҳо,

расму мусаввараҳо, истифодаи кинофилмҳо ва телевизиони таълимӣ ва ғайра - ҳамаи ин усулҳои самараноки инкишофи қобилияти мустақилона буда, фонди луғавии донишҷӯро ғанӣ мегардонад, ба тафаккури мустақилона ва инкишофи салоҳияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён мусоидат менамояд.

**Навгонии илмии таҳқиқот аз инҳо иборат аст:**

1. Ба таври далелнок нишон дода шудааст, ки зарурати татбиқи низоми таълими хонандагони хурдсол бо истифодаи компютер муҳим аст.

2.Нишон дода шудааст, ки истифодаи барномаҳои компютерии маърифатӣ мувофиқи супоришҳои дидактикӣ ба афзоиши фаъолият, мустақилият, шавқи маърифатандӯзӣ ва сифати дониши ба даст овардаи хонандагони хурдсоли мактаб мусоидат мекунад.

3.Мундариҷа, сохтор, роҳҳои имконпазири созмондиҳии низоми маҷмӯии таълим аз лиҳози назариявӣ муайян ва асоснок карда шуданд.

4. Дар замима ба қаринаи махсуси таҳсилот хусусиятҳои МИТ забони хориҷӣ - таълими ЗА дар синфҳои ибтидоӣ пешниҳод шуда буд.

5.Низоми интегративии векторҳои асосӣ, аз як тараф марбут бо таълими забони хориҷӣ (вектори робита), аз дигар тараф марбут бо ташаккули саводнокии ТИК (вектори иттилоотӣ)-и хонандагони синни хурд, барои синфҳои ибтидоӣ исбот карда шуд.

6. Дар асоси илмӣ тартиботи интихоб ва ташкили дастгирии компютерии рафти таълими ЗХ дар синфҳои ибтидоӣ гузаронида шуд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот:**

-бузургиҳои МИТ МТИ, ки ба омӯзиши хусусиятҳои МТИ дар марҳилаи имрӯзаи такомулёбии он мусоидат мекунанд, муайян карда шуданд;

-муқаррароти мундариҷавӣ ва бомақсади таълими ЗА дар синфҳои ибтидоӣ муайян карда шуданд;

-тартиботи ташкил ва интихоби БТК оид ба дастгирии раванди таълими ЗА дар синфҳои ибтидоӣ мушаххас карда шуданд;

-маҷмӯи принсип, усул ва тарзҳои дастгирии компютерии таълими ЗА дар синфҳои ибтидоӣ муайян карда шуд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** - коркарди дастгирии компютерии КТМ А. Саидов «Забони англисӣ» (синфи 3), А. Саидов, З. Расулова «Забони англисӣ» (синфи 4) барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ки бо консепсия ва мантиқи низоми мазкур муттаҳид гардонида шудааст; натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ метавонанд зимни гузарондани курсҳо оид ба баландбардории тахассуси муаллимони ЗА дар синфҳои ибтидоӣ мавриди истифода қарор гиранд; низоми дастгирии компютерии коркардшуда метавонад барои коркарди чунин низомҳо ҳамчун намуна хидмат кунад: а) барои марҳилаҳои таълими ЗА, б) барои дигар КТМ-ҳо, в) барои таълими дигар ЗХ.

**Дараҷаи коркарди масъала.** Омӯзиши асарҳо шаҳодат медиҳад, ки мушкилоти таъмини дастгирии компютерии раванди омодагии хонандагони синфҳои поёнӣ бо мавзӯъҳои нисбатан камтар омӯхташуда марбут аст. Имкон даст медиҳад осореро пайдо намоем, ки паҳлуҳои муайяни мушкилоти мазкурро фаро гирифтаанд. Масалан, Т. В. Багаева корҳои худро оид ба ташаккулёбии қобилиятҳои луғавии талабагони синфҳои ибтидоӣ тавассути ТК (технологияҳои компютерӣ) сомон додааст . Пажӯҳишгар Солопова Е.В. раванди ташаккули салоҳиятро ҷиҳати коммуникатсияи хонандагони хурдсол бо забони компютерии ба дигар забонҳо истифодашаванда таҳқиқ карда, ба имтиҳон назари васеътар нигаронидааст.

Муҳаққиқи тоҷик Ф.Ҳасанов зимни тавсифу баррасии масъалаҳои вобаста ба технологияҳои муосири таълими забони англисӣ 4 гурӯҳи

ҷузъҳои асосии технологияи таълимро ҷудо намудааст: «1.Воситаҳои техникӣ ва ғайритехникии таълим. 2.Ҳамкориҳо байни донишомӯз ва омӯзгор. 3.Шаклҳои ташкили кор, ба вижа, кориинфиродӣ, дунафара, гурӯҳи, оммавӣ. 4.Интихоби дурусти иттилоот барои ҳар як гурӯҳи алоҳидаи донишомӯзон»[102, с. 27-31].

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия:** Аз ҷиҳати сохторӣ, диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, номгӯйи адабиёти истифодашуда, 16 ҷадвал ва 5 диаграмма иборат аст. Муҳтавои диссертатсия дар ҳаҷми 179 саҳифаи чопи компютерӣ баён шудааст.

**Дар муқаддима** аҳамияти проблема асоснок гардида, объект ва Дар муқаддима зарурати мавзӯи тадқиқот асоснок шуда, мақсад, объект, предмет, вазифа, асосҳои методологӣ ва методҳои тадқиқот шарҳ дода шудаанд, санҷишу татбиқи натиҷаҳои тадқиқот, навовариҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, нуқтаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда зикр гаштаанд.

**Боби якуми диссертатсия** - «Хусусияти хоси таълими забони англисӣ дар давраи муосири рушди ҷомеа барои хонандагони хурдсол» ба баррасиии хусусиятҳои хоси таълими забони англисӣ дар давраи муосири рушди ҷомеа барои хонандагони хурдсол бахшида шудааст.

**Боби дуюми диссертатсия** - «Таъмини истифодаи технологии дастгирии компютерии таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ» ба тавсифу баррасии роҳу усулҳои таъмини технологии дастгирии компютерии таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст.

Бо такя ба сарчашмаҳои назариявӣ натиҷаҳои бадастомада дар марҳилаҳои гуногуни кори таҷрибавию озмоишӣ пешниҳод гардида, шароити педагогии истифодаи самараноки технологияи педагогӣ, ҳамчун воситаи худсозмондиҳии фаъолияти таълимии донишҷӯёни

муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Хулосаҳои асосии дар ҷараёни таҳқиқот ба даст овардашуда, комилан асосноканд, зеро тадқиқот дар асоси як миқдори зиёди диаграмма, ҷадваҳо ва маводи тасвирӣ бо истифода аз усулҳои барои ин навъи таҳқиқот зарурӣ гузаронида шудааст.

Умуман, номзади рисола кори зиёдеро ба анҷом расонидааст: вай як қатор масъалаҳои дар сатҳи таҳсилоти умумии ибтидоӣ мувофиқи мақсад будани истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бо нияти беҳтар намудани самаранокии таълими забони хориҷиро тавсиф, таҳлил ва муқоиса намуда, асосҳои назариявӣ, таърихӣ ва методологии омӯзиши ҷанбаҳои ин проблемаро ошкор менамояд ва имкониятҳои навро барои таҳқиқоти васеътари масъалаҳое, ки ба коркарди минбаъда эҳтиёҷ доранд, фароҳам меорад.

Ҳам худи диссертатсия ва ҳам автореферати диссертант таассуроти хуб ба бор меоранд; ин, бешубҳа, як кори ҷиддии таҳқиқотӣ мебошад. Мо боварӣ дорем, ки Мирзоев Шуҳрат Саидаҳмадович тавонист онро дар сатҳи баланди илмӣ иҷро кунад.

Бо вуҷуди ин, ҳангоми хондани диссертатсия дар баробари дастовардҳои илмии назаррас чанд норасоӣ ва камбудиҳо ба назар мерасанд, ки дар таҳқиқотҳои минбаъдаи диссертант зарур мебошанд, аз ҷумла:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия, бахши мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, масъалаи мубрамияти мавзӯъ камтар нишон дода шудааст;
2. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд (саҳ. 4, 5, 10);
3. Дар бахши феҳристи адабиёт рақамҳо дар дохили қавси чоркунҷа , бо ҳуруфоти сиёҳ ишора шудаанд, ки зарурат надорад; рақами ихтисосии баъзе аз авторефератҳо оварда нашудаанд.

Эродҳои дар боло зикршуда хусусияти хусусӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши диссертатсияро паст намекунанд. Автореферат ва нашрияҳо мундариҷаи рисоларо пурра инъикос мекунанд, ки ба бандҳои "Низомномаи додани унвони илмӣ" асари тахассусии илмӣ мебошанд, ки ҳалли масъалаҳои барои назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ муҳимро дар бар мегирад.

Натиҷаҳои асосӣ дар маводҳои Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Паёми ДМТ, Паёми ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, маҷмӯаҳои маводҳои конфронсҳо инъикос ёфтаанд; аз санҷиши зарурӣ гузаштанд, дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳои васеъ баррасӣ шудаанд, дар 9 мақола инъикос ёфтаанд, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тавсиявии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ дар таърихи 25.02.2021, таҳти суратҷаласаи № 6 аз тарафи номзади илмҳои филологӣ, дотсент Наврузшоев Б. Х. тартиб дода шудааст.

**Хулоса**

Кори диссертатсионии Мирзоев Шуҳрат Саидаҳмадович омӯзиши аслӣ, ҷолиб ва мукаммали масъалаҳои дар сатҳи таҳсилоти умумии ибтидоӣ мувофиқи мақсад будани истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бо нияти беҳтар намудани самаранокии таълими забони хориҷӣ мебошад. Диссертатсияи номзадӣ дар мавзӯи «Хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 7, 10, 11, 12, 14 ва 16-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент,

профессор)» пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он **Мирзоев Шухрат Саидаҳмадович** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

**Роҳбари семинари илмӣ-назарявӣ,**
**доктори илмҳои филолгӣ, профессор:** **Мамадназаров А.**

**Котиби семинари илмӣ-назарявӣ:** **Диёров Ш.**

**Ташхисгар ,н.и.ф., дотсенти кафедраи**
**забони англисӣ ва типологияи муқоисавии**
**факултети забонҳои Осиё ва Аврупои**
**Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон:** **Наврузшоев Б.Х.**

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003 Хиёбони Рудакӣ 17, ш. Душанбе
тел: 933988045, E-mail: bakhakhush@mail.ru
05.03.2021

**Имзоҳои д.и.ф.,профессор**
**Абдусалом Мамадназаров,**
**н.и.ф., дотсент Наврузшоев Баҳриддин**
**Хушҳолович ва Диёров Шоҳиҷаҳонро**
**тасдиқ мекунам,**
**сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ:** **Тавқиев Э. Ш.**